**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Давлатзода Қудрат Қамбар ба рисолаи диссертатсионии Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.04. - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика).**

Қодирзода Неъматулло Ҳабиб соли 2019 факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо тахассуси иқтисодчӣ (танзими давлатии иқтисоди миллӣ) ва дипломи “аъло” хатм намуда, аз соли 2020 дар кафедраи менеҷменти истеҳсолӣ ба ҳайси ассистент ва ҳамчунин ёрдамчии ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ фаъолият менамояд.

Қодирзода Н. Ҳ. соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯ ба кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, ба сифати мавзуи диссертатсия мавзуи мубрам «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро интихоб намуд.

Дар давоми таҳсил унвонҷӯ Қодирзода Н. Ҳ дар таҳқиқоти худ муносибатҳоеро, ки дар ҷараёнҳои ташаккул ва таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадаанд, мавриди омӯзиш қарор дода, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ба ҳалли як қатор масъалаҳо, аз ҷумла таҳқиқи асосҳои назариявию методологии инфрасохтори инноватсионӣ, таҳқиқи методология ва принсипҳои ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ дар саноат, таҳлили вазъи муосир ва ошкорсозии самтҳои асосии тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосноккунии илмии самтҳои консептуалии ташаккул ва рушди инфрасохтори инноватсионии дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт,

коркарди тавсияҳо оид ба истифодаи равиши кластерӣ дар рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Аён аст, ки ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва комёб шудан ба мақсади таҳқиқот дар натиҷаи истифодаи усулҳои илмӣ ва донишҳо дар асоси услубҳои таҳқиқот, доираи васеи манбаъҳои иттилоотии истифодашаванда ба даст омадааст.

Унвонҷӯ Қодирзода Н. дар ҷараёни таҳсил имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм ва забони хориҷӣ бомуваффақият супоридааст. Доир ба мавуи диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и нази Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 маърузаву фишурдаҳо дар маводҳои конференсияҳои дохилӣ ва хориҷӣ омода ва нашр карда шудаанд. Унвонҷӯ дар як қатор конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар баромад намудааст ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот мусбӣ арзёбӣ гардидааст.

Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи тахассуси 08.00.04.01 -Иқтисодиёти саноат ва энергетика мувофиқат мекунад: 1. Асосҳои назариявию методологии таҳлили мушкилоти рушди саноатӣ, коркарди усулҳо, механизмҳо ва фишангҳои татбиқи сиёсати иқтисодии давлат дар соҳаҳои саноат ва энергетика. Ташкил ва идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии арзёбӣ ва баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика. 6. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ. Рақобатпазирии маҳсулот, корхона ва соҳаҳои саноат ва энергетика; 12. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. 18. Ташаккули кластерҳои саноатӣ ва энергетикӣ, тавсеаи инфрасохтори

инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Мушкилот ва дурнамои рушди кластерҳои саноатӣ ва маҷмааи сӯзишворию энергетикӣ. 27. Рақамикунонии иқтисодёт ва идоракунии корхонаҳои соҳаҳои саноат ва энергетика. Арзёбии самаранокии рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ва технологӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва комплекси сузишворию энергетикӣ. Моделҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ ва энергетика. 30. Мушкилоти ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори соҳаҳои саноат ва энергетика. Таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва энергетика.

Унвонҷӯ Қодирзода Неъматуллоро ҳамчун шахси донишманд, масъулятшинос, кордон тавсиф намуда, гуфтан мумкин аст, ки ӯ аз иҷрои вазифаҳои дар диссертатсиягузошта баромада, кори илмӣ-таҳқиқотии худро дар мавзуи аҳамиятнок ва мубрами кишвар таҳия намудааст.

Дар асоси гуфтаҳои мазкур рисолаи дисертатсионии Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта буда, дорои натиҷаҳои илмӣ, навоварӣ, аҳамияти амалӣ мебошад ва хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия барои васеъ гардидани донишҳои назариявии соҳа ва такмили механизми таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамоянд.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионӣ бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Ректори ДТТ ба номи академик
М. С. Осимӣ, д.и.и., профессор Давлатзода Қ. Қ.

Имзои ректори донишгоҳ Давлатзода Қудратро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ Шарипова Д.

9-01-2023